**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 330.133**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**КАРИМОВ РУСТАМ ИЛҲОМОВИЧ**

# РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ БОЗОРИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро карда шудааст

**Роҳбари илмӣ:** **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Авезов Азизулло Ҳабибович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодӣ муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

**Хоҷазода Диловар Хайруддин** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия 11-уми июни соли 2025, соати 13:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ баргузор мегардад. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10. E-mail: aashurzoda1968@gmail.com. телефони котиби илмӣ: (+992) 93 544 33 44.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи расмии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ сомонаи http://www.ttu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «______» ____________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент** **Ашурзода А.Н.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир вобаста ба устувор гардидани муносибатҳои иқтисодии мамлакатҳо, ташаккулёбии уфуқҳои нави бозори маҳсулоти саноати энергетика, такмилдиҳии роҳу усулҳои устуворгардонии мавқеи субъектҳои энергияистеҳсолкунандаи ватанӣ дар бозор, масъалаҳои таъмини рушди устувор ва такмилдиҳии мунтазами объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар рушди стратегии мамлакат мавқеи калидиро касб менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии бозори энергетикӣ вижагиҳои алоҳида дошта, давлат ҳамчун субъекти ягонаи таъминкунандаи мувозинати манфиатҳои истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон ва дигар муносибатҳои иқтисодии бозори энергетикӣ баромад менамояд. Аз ин лиҳоз, равандҳои трансформатсияи мутобиқгардонии унсурҳои бозорӣ бо низоми энергетикии мамлакат, тақвиятбахшии бозори энергетикӣ дар меҳвари ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат баррасӣ гардида, рушди инфрасохтори он равишҳои муассир ва методҳои илмию назариявии аҳаммияти амалидоштаи таҳқиқотиро тақозо менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи энергетикӣ мебошад, аз ҷумла захираҳои мавҷудаи умумӣ 527 млрд. кВт*с. дар як сол, тавоноии низоми энергетикӣ 5757 МВт, аз ҷумла зиёда аз 95% ҳиссаи умумӣ ба нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва қисми боқимондааш ба нерӯгоҳҳои барқу гармидиҳӣ рост меояд. Гузашта аз ин, дар ҷумҳурӣ захираҳои бузурги ангишт мавҷуд аст, ки ҳаҷми умумии он зиёда аз 4,5 млрд. тонна арзёбӣ гардида, объектҳои иҷтимоӣ ва 165 корхонаҳои саноатии мамлакат фаъолияти худро маҳз ба ин намуд сӯзишворӣ ба роҳ мондаанд.

Вобаста ба барномаҳои рушди стратегии мамлакат дар Тоҷикистон шуруъ аз соли 2009 тибқи барномаи нав оид ба батартиб даровардани сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд (НБОХ) қабул гардида, дар қатори 11 НБО-и бузургу миёна зиёда аз 300 НБОХ бо иқтидори умумии 131 МВт

фаъолият намуда истода, дар оянда сохтмони 189 НБОХ бо иқтидори 103,6 МВт ба нақша гирифта шудааст. Бахусус сохтмони НБО Роғун бо иқтидори 3600 МВт идома ёфта, инчунин қисман ба кор шуруъ намудааст. Дар ҳошияи ин, татбиқи лоиҳаи бузурги энергетикаи барқии мамлакат, лоиҳаи энергетикии Central Asia – South Asia (CASA 1000), сохтмони хатти барқи баландшиддат дар назар аст, ки ин лоиҳа на танҳо ташкилу ташаккули бозори ягонаи электроэнергияи панҷ мамлакати Осиёро тавсиф медиҳад, балки имкониятҳои васеъгардонии бозори маҳсулоти энергетикии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Қобили қайд аст, ки новобаста аз иқтидорҳои энергетикӣ, имкониятҳои мавҷуда, нақшаю барномаҳои тарҳрезӣ гардида, то ҳол дар Тоҷикистон мушкилоти норасогии энергияи электрикии ватанӣ аз сабаби номунтазамии фаъолияти объектҳои ёрирасон, таъмин набудани мувозинаи бозори талаботу таклифот вуҷуд дорад. Бахусус, муҳлати коршоямии қисми зиёди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат ба охир расида, сол то сол иқтидори ёрирасонии онҳо коҳиш ёфта истодааст, ки фаъолияти самараноки объектҳои истеҳсолии бозори энергетикии мамлакат маҳз аз мунтазам фаъолият намудани объектҳои инфрасохторӣ вобастагии калон дорад.

Ҳамаи инҳо собит менамоянд, ки то ҳол масъалаҳои баҳсталаби таҳқиқи рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ барои таъмини оқилона истифодабарии иқтидорҳои энергетикӣ, бахусус энергияи электрикии мамлакат, таъмини фаъолияти мунтазами корхонаҳои истеҳсолӣ, қонеъгардонии талаботи истеъмолии аҳолӣ ва истеҳсолот бо маҳсулоти соҳаи энергетика роҳи ҳалли худро ба пурраги пайдо накардаанд ва таҳқиқоти илмии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти хоса дорад.

Вазъ ва ҳолатҳои зикргардида алоқамандии мавзуи таҳқиқотии диссертатсиониро бо масъалаҳои мазкур муайян менамояд, ки дар асоси он равишҳои илмию комплексӣ ва низоми рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ пешниҳод гардидааст.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Рушди бозори энергетика, ки ҳамчун бозори таъминкунандаи рушди устувори мамлакат, тақвиятбахши сатҳи зиндагӣ, инчунин сарчашмаҳои асосии ғанигардонии буҷети давлат маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқ ва омӯзиши олимону иқтисоддонҳои доираҳои гуногуни илмӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқотҳои гуногунпаҳлӯи масъала, ки то имрӯз фарогири паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ мебошанд, барои амалан таъмин намудани талаботи аҳолӣ ва хоҷагии халқ имрӯзҳо то ба ҳол нокифоя мебошанд. Бо вуҷуди ин, аз ҷониби иқтисоддонҳои маъруфи классику муосири ҷаҳонӣ ва муҳаққиқони ватанӣ дар самти рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳқиқотҳои зиёд гузаронида шудааст.

Қисми зиёди таҳқиқотҳои анҷомдодашуда ба асосҳои назариявию консепсияҳои гуногуни рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ заминаи муҳим гузошта, ҳамчун сарчашмаҳои илмии ибтидоии рушди инфрасохтори бозори энергетикии даврони муосир саҳми назаррас доранд. Аз ҷумла, масъалаҳои гуногунпаҳлӯи рушди инфрасохтори бозори энергетикиро дар таҳқиқотҳои олимони варзидаи хориҷӣ ба монанди А. Смит, А. Аболмасов, А. Хиршман, А. Янгсон, В.А. Жамин, Д. П. Розенштейн Родан, Д. Колодин, Е. Симонис, И.Р. Томберг, М. Фишер, Е.Б. Муханова, Р. Иохимсен, Р. Нурксе, С.М. Саввиди, С.С. Носов, Ҷ. Кларк ва дигарон дучор шудан мумкин аст.

Аз иқтисоддонҳо ва олимони ватанӣ ба монанди А.Д. Аҳророва, Р.М. Аминҷонов, А.Ҳ. Авезов, Б.Х. Асоев, Х.М. Ахмедов, Х. А. Абдуқодиров, Т.Г. Валамат-Зода, К.А. Доронкин, Ҳ.Р. Исайнов, С.Ҷ. Комилов, Н.К. Қаюмов, Т.Д. Низомова, Т.Н. Назаров, Ҳ.А. Одинаев, С.Р. Расулов, Р. К. Раҳимов, Р.К. Раҷабов, В.А. Розиқова, Т.Р. Ризоқулов, Л.Ҳ. Саидмуродов, Ш.Д. Самадов, С.Г. Сафарова, Б.С. Сироҷева, П.Д. Хоҷаев ва Д.Х. Хоҷаев дар самтҳои гуногуни рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ, аз ҷумла энергияи электрикии обӣ саҳми калон гузоштаанд.

Новобаста аз шумораи зиёди таҳқиқотҳои илмию амалии муҳаққиқони доираи гуногуни илмӣ масъалаҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо

назардошти хусусиятҳои тағйирёбии ҳаҷми захираҳои энергетикӣ, мунтазам тағйирёбии ҳаҷми истеъмоли хизматҳои энергетикӣ ва таъмини сиёсати дурусти нархӣ ба фаъолияти кори самараноки объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳияи ақидаҳои назариявии муосир ва татбиқи амалии натиҷаҳои кори таҳқиқотиро тақозо менамояд.

Бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, вобаста ба хусусиятҳои бозори соҳа ва муносибатҳои бозорӣ дар он васеъ карда шуда, вазъи ҳозираи бозори энергетикии мамлакат бо назардошти таъсиррасониҳои омилҳои гуногун муайян гардида, инчунин арзёбии иқтисодии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо назардошти ояндабинии рушди он асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо татбиқи механизмҳои муосир ва ташкили шаклҳои инноватсионии объектҳои инфрасохтории соҳаи энергетика мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ ба Пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони миллали муттаҳид оид ба эълон доштани солҳои 2018 - 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2037, Барномаи азхудкунии манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд барои солҳои 2016 - 2020, Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025, Нақшаи амал оид ба солимгардонии вазъи молиявии соҳаи энергетикаи барқӣ барои солҳои 2019-2031 ва дигар барномаву мавзуҳои илмӣ робитаи мустақим дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз омӯзиши муқаррароти назариявӣ ва амалии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи хулосаву пешниҳодҳо оид ба фаъолгардонии фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ иборат аст

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои рисолаи диссертатсионӣ, вазифаҳои зерин муайян ва ҳал карда шуд:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методии рушди инфрасохтори бозорӣ, инчунин ошкор намудани хусусиятҳои бозори энергетикӣ;

- таҳлили вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо назардошти ҷалби иштирокчиёни нави бозор ва такмили сиёсати нархӣ-тарофавии энергия;

- таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо назардошти хусусиятҳои тағйирёбии унсурҳо ва вазъи ояндаи бозори энергетикӣ;

- муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси рушди усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- ташкили объектҳои нави инфрасохтори бозори энергетикӣ ҷиҳати самаранок истифодабарии энергияи алтернативӣ;

- ташаккули объектҳои инфрасохтори алтернативӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда, дар асоси истеҳсолоти энергияи «сабзу» камхарҷ ва аз нигоҳи экологӣ тоза.

**Объекти таҳқиқот** объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии саноати энергетика ва иштирокчиёну истеъмолкунандагони бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Мавзуи таҳқиқот аз** муносибатҳои иқтисодию ҳамгироии фаъолияти инфрасохторӣ, иштирокчиён ва субъектҳои бозори энергетикӣ ҷиҳати беҳтаргардонӣ ва васеъгардонии фаъолияти инфрасохтори бозори энергетикӣ иборат мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2037, Барномаи азхудкунии манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд барои солҳои 2016-2020, Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 ва аз амалишавии дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ, бахусус энергетикаи барқӣ, инчунин лоиҳаҳои хурди таҷдиди объектҳои инфрасохтории соҳа бармеояд, ки ҳадафҳои ниҳоии ҳамаи ҳуҷҷатҳои расмии нишондода шуда дар рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ мебошад.

Ҳамчунин, фарзияи илмӣ барои ташаккул ва васеъгардонии ақидаҳои назариявию амалии корхонаву муассисаҳои илмию пажуҳишӣ ва объектҳои инфрасохтории бозори энергетикиро дар шароити имрӯза заминагузорӣ менамояд. Аз ин рӯ, татбиқи ҳадафу вазифаҳои интихобшудаи таҳқиқот воқеяти фарзияи илмиро собит намуда, барои рушди минбаъдаи инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳо ва натиҷаи таҳқиқотҳои заминавии илмиву амалии муҳаққиқону мутахассисони ватаниву хориҷӣ, ки паҳлӯҳои мухталифи мавзуи рушди инфрасохтори бозори энергетикиро фарогир мебошанд, ташкил намуда, фарзияҳои нав ва нуқтаҳои назари намояндагони мактабҳои иқтисодӣ вобаста ба дигаргун шудани унсурҳои бозори энергетикӣ ва мураккаб гардидани тавозуни талаботу таклифот дар бозор дақиқу мушаххас гардонида шудааст.

**Асосҳои методии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти мавзуъ ҷиҳати асоснок намудани муқаррароти илмӣ равишҳои методӣ ба монанди методҳои таҳқиқотии мантиқиву назариявӣ, таҳлили иқтисодӣ, синтез, таҳқиқи бозор, иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, монографӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ, инчунин методи муқоисавии техникӣ-иқтисодӣ ва ояндабинӣ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумотии** таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, дастурамалҳои корӣ ва лоиҳаҳои соҳавӣ дар самти инфрасохтори бозори энергетикӣ, маълумотҳои расмии Вазорати энергетика ва захираҳои

оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», маълумотҳои расмии ширкати консессионии «Помир-Энерҷи», ШСХК «Барқи тоҷик», инчунин адабиёти соҳавӣ, асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаи рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ равона шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия солҳои 2017-2024 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асоснокунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили самтҳои асосии ташаккул ва рушди устувори объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аҳаммияти навгонии илмӣ доранд, бо чунин тартиб пешниҳод мегарданд:**

- ҷанбаҳои назариявию методии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ асоснок гардида, хусусиятҳои таркибии он ба низом дароварда шуда, аз рӯйи хусусиятҳои истифодабарӣ, сатҳ ва мавқеи ҷойгиршавӣ дар бозор гурӯҳбандӣ карда шудааст. Ошкор карда шудааст, ки маҳз чунин методи гурӯҳбандӣ метавонад моҳияти илмию назариявӣ, самтҳо ва натиҷаҳои фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро возеҳ ошкор намояд;

- вазъи муосири бозори энергетикии мамлакат таҳлил гардида, вобаста ба натиҷагирии қиёсӣ тамоюлҳои рушди он ташаккулёбанда арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон, таҳия ва ташкили барномаҳои махсуси рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистонро дар самти дастрасии молу маҳсулоти саноатии соҳа, бахусус содагардонии пайвастшавии истеъмолкунандагон, ҷалби иштирокчиёни нави бозор ва такмили сиёсати нархӣ-тарофавии истифодаи энергияи электрикӣ пешниҳод карда шудааст;

- ҳолат ва рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат таҳлил карда шуда, арзёбии иқтисодӣ гардида, дар асоси таҳқиқи унсурҳои асосии бозор истеҳсол-истеъмол-нархи молу маҳсулоти соҳа модели иқтисодӣ-риёзӣ таҳия карда шуда, рушди минбаъдаи соҳаояндабинӣ карда шудааст. Бо мақсади таъмини мувозинати дурусти бозор таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати ташаккулдиҳандаи рушди бозори энергетикӣ дар дурнамои наздик пешниҳод гардидааст;

- самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикии мамлакат муайян карда шуда, ташаккули усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори бозори энергетикаи электрикӣ асоснок ва пешниҳод гардидааст;

- рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар ташкили объектҳои нави инфрасохтори энергияи электрикии алтернативӣ асоснок ва таҳқиқу озмоиши илмию амалӣ карда шуда, ташкили объектҳои инфрасохтори истеҳсоли энергияи электрикии офтобӣ дар минтақаҳои деҳоту кӯҳии мамлакат пешниҳод гардидааст. Исбот карда шудааст, ки фаъолгардонии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикии офтобӣ метавонад арзиши аслии истеҳсоли 1 кВт*с. барқро дар бозори мамлакат ба 0,12 сомонӣ расонида, дар оянда ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативию эҳтиётӣ бо объектҳои энергетикаи обӣ рақобат намояд;

- самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи барқи хурди офтобӣ ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативӣ дар асоси гузаронидани озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ муайян карда шудааст. Бо истифода аз методи муассири муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон барои таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ дар минтақаҳои кӯҳистони мамлакат натиҷагирӣ ва заминагузорӣ шуда, бо ҳамин васила мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат ва ба роҳ мондани содироти энергияи электрикӣ дар заминаи энергияи сабз, таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:**

- муқаррарот оид ба таҳқиқи ақидаҳои назариявию методии рушди инфрасохтори бозорӣ энергетикӣ вобаста ба хусусиятҳои тағйирёбандаи унсурҳои бозор, гурӯҳбандии объектҳои ёрирасони бозори энергетика дар шароити муосир, ҷиҳати муайянсозии хусусиятҳои соҳавию бозории он дар рушди иқтисоди миллӣ;
- таҳлилу натиҷагирии вазъи муосири бозори соҳа, ташкили барномаҳои соҳавӣ, пайдо намудани бозорҳои нави пешниҳоди кору хизматҳои энергетикӣ ва даъвати иштирокчиёни нави бозор, такмили сиёсати нархӣ-тарофавии истифодаи энергияи электрикӣ;
- арзёбии иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ ва таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии рушди бозори энергетикӣ ҷиҳати таъмин намудани мувозинати вазъи бозор, ҳамзамон, пешниҳод намудани заминаҳои илмӣ барои барномаҳои миёнамуҳлати рушди бозори энергетикӣ;
- тақвияти самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси фаъолгардонии муносибатҳои корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- ташкилу ташаккули инфрасохтори алтернативии нерӯгоҳи барқии хурди офтобӣ барои рақобат дар бозор ва дастрасии пурраи аҳолӣ бо энергияи электрикӣ;
- пешниҳодот оид ба истифодаи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Натиҷаҳои рисолаи диссертатсионии аҳаммияти назариявӣ дошта, тавсияҳои илмию методӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст оварда шудааст, дар раванди васеъгардонии паҳлӯҳои таҳқиқи назариявии таҳияи дурнамои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар шароити бозор, бо таваҷҷуҳ ба давра ба давра пайдо гардидани шаклҳои муосири объектҳои ёрирасон истифода мешаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодоти амалӣ, ки дар асоси таҳқиқи масъалаҳои алоҳидаи мавзуъ ба даст оварда шудаанд, зоҳир гардида, барои таъмини рушди мунтазами инфрасохтори бозори энергетикӣ ва ба ҳамин васила ба татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат мусоидат хоҳад кард. Татбиқи амалии пешниҳодҳои асосноккардашуда ва озмоишҳои иқтисодӣ-риёзии гузаронидашуда барои ташкили объектҳои нави инфрасохтори камхарҷ, таъмини энергияи дастрас ва рақобат дар бозори ватанӣ, ҳамзамон, таъсис додани объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергияи электрикӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда бо фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муфид хоҳад буд. Дар баробари ин, натиҷаҳои бадастовардашуда, метавонанд барои таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат заминаҳои устувор гузоранд. Ҳамзамон, хулосаҳои алоҳидаи асосноккардашудаи диссертатсияро дар раванди таълимоту омодасозии мутахассисони касбӣ дар макотиби олии кишвар аз фанҳои таълимии «Бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ» ва «Ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои энергетикӣ» мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи мақсадноки маълумотҳои расмии оморӣ, маълумотҳои боэътимоди мақомотҳои давлатӣ, инчунин иттилооти кушода оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои таҳқиқот, барасмиятдарории натиҷаҳои озмоиши илмӣ-таҳқиқотии муаллиф зоҳир мегардад. Ҳамаи ин, шароит фароҳам оварданд, ки рушди инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароитҳои муосири бозор таҳқиқот карда шавад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқ аст: 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбию

баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 3. Пойгоҳи захиравии рушди соҳаи саноат ва энергетика, проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, нерӯи инсонӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 7. Асосҳои назариявию методологии ташаккул, амалкард ва рушди бозори энергетикӣ; 8. Нархгузорӣ дар бозорҳои захираҳои энергетикӣ, нерӯи барқ ва гармидиҳӣ. Методҳои маҳдудсозии нархгузории инҳисорӣ. Танзими зиддиинҳисории бозорҳои захираҳои энергетикӣ. Сиёсати тарофавӣ дар соҳаи энергетика; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 31. Арзиши бозории субъектҳои хоҷагидории саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. Методҳои арзёбии арзиши бозории корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ; 36. Дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва тафсилот, мақсад, вазифаҳо ва иҷрои онҳо, таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии рушди бозори энергетикӣ, гузаронидани озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи хурди барқии офтобӣ ҳамчун варианти алтернативии рушди бозори энергияи электрикӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф таҳия шудаанд. Дар баробари инҳо, иштироки мустақими муаллифро хулосаҳои дақику мушаххас оид ба мавзуи таҳқиқот ва таҳияи ақидаҳои асосноккардашудаи аҳаммияти назаривию амалидошта собит менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва хулосаҳои амалии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии ватанию хориҷӣ, бахусус дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, Донишгоҳи давлатии техникии Магнитогорск ба номи Г.И. Носоваи Федератсияи Россия дар солҳои 2017-

2024 маърӯза гардида, натиҷаҳои он нашр гардидаанд. Инчунин, дар маводҳои конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ (Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (13-октябри соли 2020) – Душанбе, - 2020. – С.60-69.), ҷумҳуриявӣ (Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (22-ноябри соли 2022). – Душанбе, - 2022. – С. 172-177) ва дар мизҳои мудаввар пешниҳод гардидаанд.

**Натиҷаи рисола** дар фаъолияти кории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Системавтоматика», Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории онҳо мавриди истифода қарор дода шудааст. Ду барнома ва методҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда дар хадамоти федералии моликияти зеҳнии Федератсияи Россия ба қайд гирифта шуда, шаҳодатномаҳои давлатӣ дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 20 мақолаи илмӣ (инчунин дар ҳаммуаллифӣ) дар ҳаҷми умумии 14,7 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Россия нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз феҳристи ихтисора, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда, инчунин рӯйхати интишороти муаллиф ва замимаҳо иборат мебошад.

Диссертатсия дар ҳаҷми 208 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз 12 ҷадвал, 16 расм ва 7 замима иборат мебошад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** аҳамият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои

назариявӣ ва методӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти назаривӣ ва амалӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявӣ-методии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ»** мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва хусусиятҳои рушди инфрасохтори энергетика дар сохтори саноат вобаста ба ақидаҳои назариявии намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, фарзияҳои мавҷуда, инчунин методҳои омӯзиши он таҳқиқ гардида, шаклҳо ва объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, таҷрибаи хориҷии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ омӯхта ва роҳҳои татбиқи паҳлӯҳои муфиди таҷрибаи хориҷӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Ташкилу таҷдид ва тақвиятбахшии объектҳои инфрасохтори соҳаҳои иқтисодиёти саноат кафолатдиҳандаи рушди муътадили соҳаҳои хоҷагии халқ арзёбӣ гардида, дар доираи сиёсати энергетикӣ масъалаҳои рушди бозори энергетикӣ татбиқкунандаи барномаҳои бехатарии иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт маҳсуб меёбад, яъне рушди бозори энергетикӣ дар доираи масъалаҳои аввалиндараҷаи аҳаммияти стратегидоштаи давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба монанди дигар мамлакатҳои рушди энергетикидоштаи ҷаҳон вобаста аз иқтидору захираҳои мавҷуда, шароитҳои институтсионалӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ, масъалаҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ вазифаи муҳимми давлатӣ маҳсуб меёбад.

Қайд карда шудааст, ки масъалаҳои пурра таъмину осон намудани дастрасии аҳолии мамлакат ва соҳаҳои хоҷагии халқ ба энергияи электрикии арзону аз нигоҳи экологӣ тозаю бехавф, беҳтаргардони ҳолати экологӣ на танҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ фаъолона баррасӣ гардида истодааст, балки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз масъалаҳои муҳими рушди стратегӣ арзёбӣ

гардида истодааст. Чунончи, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буданд: «… истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо нерӯй барқи аз лиҳози экологӣ тоза – яке аз асосҳои рушди «иқтисоди сабз» - метавонад ба кам гардидани партовҳои гази карбон ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд» [1].

Маълум карда шудааст, ки дар фаҳмиши умумӣ истилоҳи инфрасохтор гуногунҷанбаъ буда, онро ҳамчун воситаи сармоявие, ки барои ёрирасонӣ ва пешниҳоди кору хизматҳои дастраси ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия, таъминоти газ, об ва барқ нигаронида шудааст, фаҳмидан мумкин аст. Вобаста ба шароитҳои иқтисоди бозорӣ ва хусусиятҳои соҳавии бозори энергетикӣ, аз тарафи муаллиф чунин мафҳумгузорӣ карда шудааст - инфрасохтори бозори энергетикӣ фаъолияти хоҷагидории шаклҳои ҳамкориҳои моддӣ ва ғайримоддии субъектҳои хоҷагидорикунандае, ки ба мақсади такмилдиҳии раванди истеҳсолот, қонеъгардонии талабот, ташкили неъматҳои моддӣ ва пешниҳоди кору хизматҳои ёрирасон равона карда шудаанд, фаҳмида мешавад.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки дар шароити муосир асоси ҳамгироии субъектҳои хоҷагидориро дар комплекси ягонаи сӯзишворӣ-энергетикӣ захираҳои энергетикӣ ташкил медиҳанд, ки баъдан муносибатҳои истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ пайдо гардида, инфрасохтори бозори энергетикӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тавр сохтори комплекси сӯзишворӣ-энергетикиро бахши нефту газ, сектори ангишт, энергияи электрикӣ ва энергияи атомӣ, инчунин энергияи алтернативӣ ташкил медиҳад. Чӣ тавре, ки маълум мегардад шаклҳои асосии корҳои ёрирасони инфрасохтори бозори энергетикӣ вазифаи муайянро ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда иҷро менамояд (Расми 1).




**Расми 1. Шаклҳои асосии кору хизматҳо вобаста ба таъинот ва принсипҳои иштирок дар бозори энергетикӣ. Сарчашма: Таҳияи муаллиф.**

Дар натиҷаи таҳқиқи равишҳои методии гуногунсамт ва гуногунпаҳлӯ объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ гурӯҳбандӣ карда шудааст. Ба назари муаллиф, барои гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар мадди аввал бояд ба бахши низоми энергетикӣ диққат дода, баъдан тамоми намудҳои кору хизматҳои ёрирасоне, ки дар ин бахш мансуб аст, тасвир намудан лозим аст, ҳамзамон, иҷрои вазифаи онҳоро аз рӯйи таъиноти функсионалӣ дар бозори энергетикӣ ҷудо намудан муҳим аст.

Маълум карда шудааст, ки объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ нисбат ба инфрасохтори бозори дигар молу маҳсулот фарқияти калон дошта, вобаста ба захираҳои мавҷуда, ташкили истеҳсолоти самаранок, фаъолияти мукаммали ҳамаи бахшҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, энергияи барқӣ ва гармӣ, энергияи алтернативӣ низоми энергетикии мамлакат хусусиятҳои мураккаби худро дорад. Инчунин, дар қатори хусусиятҳои умумӣ, дар ин бозор ҳисоби арзаю тақозо, унсурҳои бозорӣ ҳамзамон, равандҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ба рушди босуботи иқтисодии мамлакат такя менамояд.

Аз натиҷаи гурӯҳбандии объектҳои инфрасохторӣ дар доираи ташаккулёбии дигар намудҳои бозор, тасвири асосии бозори энергетикӣ аниқ карда шудааст (Расми 2.).




**Расми 2. Сохтори таркибии бозори энергетикӣ**
**Сарчашма: Таҳияи муаллиф:**

Дар расми 2 муайян карда шудааст, ки ҷузъиёти инфрасохтории бозори энергетикӣ на танҳо дар рушди бозори энергетикӣ, балки ҳамчун заминаҳои асосии татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва дар таъмини муътадилияти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Гузашта аз ин, дар тасвири мазкур ошкор карда шудааст, ки объектҳои инфрасохторӣ функсияи якҷоя намудани фаъолиятҳои гуногун, аз ҷумла тавассути пешниҳоди кор ё хизматрасонӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодии сарчашмаҳои энергия ва истеъмолкунандагони онро таъмин менамояд.

Чунин тавсифҳои ҷаҳонии инфрасохтори бозори энергетикӣ имкониятҳои моделсозӣ ваояндабинии вазъи бозори онро чӣ дар марҳилаи истеҳсол ва чӣ дар марҳилаи пешниҳоди кору хизматҳо маҳдуд менамояд, ки имрӯзҳо соҳаи энергетикаи Тоҷикистон дар чунин вазъият қарор дорад. Барои ҳамин ҳар як мамлакат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси сиёсати энергетикӣ, ки ба бехатарӣ ва истиқлолияти энергетикӣ нигаронида шудааст,

имкониятҳои истифодаи таҷрибаи бозорҳои мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳонро таҳқиқ менамояд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар мамлакатҳои рушди саноатидоштаи ҷаҳон, истифода ва татбиқи метод ва равишҳои муфиду муассири инноватсионии онҳо хос ва муҳим мебошад. Аз ҷумла, асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи ИМА дар самти интихоб ва истифодаи механизмҳои ташаккулдиҳандаи бозори энергетикӣ-методи либерализатсияи бозори энергетикӣ муфид хоҳад буд. Ба ақидаи муаллиф, истифода аз таҷрибаи низоми энергетикии Федератсияи Россия, ки принсипи аввалиндараҷа дар ҳамгироии объектҳои инфрасохторӣ зуҳур меёбад, дар баробари лоиҳакашӣ, сохтмон ва ба истифода додани иншоотҳои энергетикӣ (нақбҳои обии энергетикӣ, марказҳои гармидиҳӣ дар асоси технологияи истифодаи ангишт ва ғайра) ба эътибор гирифтани ҳаҷм ё шумораи объектҳои инфрасохтори онҳо вобаста ба тағйирёбии вазъи бозор - ҳаҷми истеъмол, муҳлати хурдашавии таҷҳизоти инфрасохторӣ, дигаргуншавии вазъи бозори ҷаҳонӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлилу арзёбии вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон»** таҳқиқ гардида, тавассути методҳои таҳлилӣ вазъи муосир ва тамоюли рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ муайян карда шуда, ҳамзамон омилҳои рушди бозор дар шароити муосир таҳлил ва натиҷагирӣ карда шуда, дар асоси натиҷаҳои ба дастовардашуда ташаккули инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон арзёбии иқтисодӣ карда шудааст.

Қайд карда шудааст, ки дар соли 2022 истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ дар сохтори истеҳсолии саноати мамлакат 17,7% ташкил дода, аз рӯйи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ истеҳсоли нерӯи барқ дар Тоҷикистон тамоюлҳои мусбӣ дошта бошад, ҳам дар баробари афзоиши ҳаҷми истеъмолот дар бозори дохилии энергияи электрикии мамлакат қаноатмандкунанда нестанд. Бахусус, агар дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 21400 млн. кВт*с. нерӯи барқ истеҳсол шуда бошад, пас ин нишондиҳандаҳо дар сохтори истеъмолии соҳаҳо чунин

тақсим шудааст: дар соҳаи саноат 3818 млрд. кВт*с., сохтмон 0,03 млрд. кВт*с., кишоварзӣ 2225 млрд. кВт*с., аҳолӣ 5,90 млрд. кВт*с., талафоти барқ бошад 3,90 млрд. кВт*с. Асоснок карда шудааст, ки ҷиҳати рушди устувори мамлакат дар заминаи ҳадафҳои олии мамлакат, як қатор барномаҳои давлативу соҳавӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, ташаккули ҳукумати электронӣ ва дигарҳо роҳандозӣ гардидааст, ки воқеан вазъи истеъмолии бозори энергетикиро куллан тағйир медиҳанд (Ҷадвали 1).

Исбот карда шудааст, ки мувофиқи ҷойгиршавии релефию иқлимӣ ташкили объектҳои инфрасохторӣ барои пайвастшавӣ ба низомҳои энергетикии мамлакатҳои ҳамсоя, аз қабили Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо афзалиятҳои баромадан ба бозори энергетикии Ҷумҳуриҳои Покистону, Эрон ва Узбекистон бо мақсади коҳиш додани вобастагии бозори дохила аз энергияи барқии Ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Узбекистон имкониятҳои назаррас мавҷуд аст.

**Ҷадвали 1. - Захираҳои энергияи электрикӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон аз рӯйи категорияҳои муайян**

| Минтақаҳо | Захираҳои саноатӣ | | Захираҳои калон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | N кВт | H кВт*с | Дарёҳои калон | | Воридшавӣ 1>10км | | Воридшавӣ 1<10км | |
| | | | N кВт | H кВт*с | N кВт | H кВт*с | N кВт | H кВт*с |
| Ноҳияҳои вилояти Суғд | 159009 | 1393 | 15440 | 1352 | 1303,0 | 11,41 | 1288,0 | 11,28 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон | 17709 | 155,13 | 22744 | 199,24 | 3974,0 | 34,81 | 16056 | 140,65 |
| ВМБК | 5884 | 51,54 | 69900 | 61,23 | 2555,0 | 22,38 | 3713,0 | 3253 |
| Ҳамагӣ | 182602 | 1599,67 | 108084 | 1612,47 | 7832 | 68,68 | 21057 | 3404,9 |

*Сарчашма:* **Анализ развития и распространения передовых технологий в области энергоэффективности и возобновляемой энергетики в Республике Таджикистан в рамках проекта Европейской Экономической Комиссии «Глобальная энергоэффективность-21» для стран Центральной Азии. Сомонаи расмӣ: https://www.unece.org/ (санаи мурочиат 02.01.2024.)**

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 ошкор менамоянд, ки захираҳои энергияи электрикии минтақаҳои мамлакат аз рӯйи категорияҳои муайян бештар ба истифодаи энергияи электрикии обии дарёҳои калон, миёна ва хурд ба монанди дарёҳои Вахш, Панҷ, Зарафшон, ки N - иқтидори истеҳсолияшон ба

182602 млрд. кВт*с. баробар аст, такя менамоянд. H-истифодабарии ҳавзаи дарёи Вахш ба нақбҳои обии - Роғун, Шуроб, Норак, Бойғозӣ, Сангтуда-1, Сангтуда-2 ва Марказӣ ҷудо мешавад, ки аз инҳо НБО Роғун ва Шӯроб дар арафаи сохтмон қарор доранд. N - иқтидори истеҳсолии дарёи Панҷ дар ҳаҷми 119 млрд. кВт*с. муайян гардидааст, вале ҳавзи обнигоҳдорӣ аз 150 млрд. кВт*с. энергияи электрикӣ зиёд мебошад. Аз таҳлилҳо маълум карда шудааст, N - иқтидори истеҳсолии энергияи электрикӣ. дар дарёҳои сатҳи минтақавӣ аз H – миқдори истифодабарии энергияи электрикӣ нисбатан зиёд аст (Расми 3).




**Расми 3. Ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли энергияи электрикӣ дар бозори энергетикии Тоҷикистон**

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 2023. – С.260-263.**

Аз маълумотҳои расми 3 аён мегарад, ки дар солҳои таҳлилӣ ҳаҷми истеҳсоли энергияи электрикӣ дар Тоҷикистон тамоюлҳои мусбӣ дорад, масалан, дар соли 2016 ҳаҷми умумии истеҳсолии энергияи электрикӣ 17,2 млрд. кВт*с ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 21,4 млрд. кВт*с расида, баробари 4,1 млрд. кВт*с ё зиёда аз 9% энергияи электрикӣ зиёд гардидааст.




**Расми 4. Афзоиши нархи фурӯши энергияи электрикӣ аз рӯйи категорияҳои истеъмолкунандагон дар Тоҷикистон**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумотҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 2023. – 143.*

Маълум карда шудааст, ки болоравии арзиши энергияи баркӣ дар мамлакат раванди муътадил дорад. Нархи як кВт*с. энергияи электрикӣ дар соли 2016 барои аҳолӣ 14,2 дирам ва барои саноат бошад 35,6 дирамро ташкил медод. Ин рақамҳо дар соли 2022 мутаносибан ба 26,5 дирам ва 60,65 дирам расидааст. Сабаби чунин вазъият, аз як тараф, ба беқурбшавии асъори миллӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар дар кухнашавию фарсудашавии дастгоҳу таҷҳизотҳои объектҳои инфрасохтори бозори энергетикаи мамлакат, ки қисми зиёди онҳо дар давраҳои собиқ ИҶШС сохта шуда буданд, тавсиф дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки дар муқоиса бо нархи нерӯи барқ дар мамлакатҳои ИДМ ва Аврупо, дар Тоҷикистон нисбатан арзон мебошад.

Исбот карда шудааст, ки дар рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ғайр аз омилҳои заминавӣ, омилҳои дохилӣ ва берунӣ низ вуҷуд доранд, ки дар маҷмуъ таркиби асосӣ, иштирокчиён, сатҳи таклифот ва талабот, дараҷаи лозимии дахолати давлатро дар бозор ба таври тасвирӣ нишон медиҳад. Ҳамаи ин омилҳо новобаста аз ҳаҷму масоҳат ва сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ба таври манфию мусбӣ таъсир расонида, интихоби омилҳои таъсиррасони мусбиро пешниҳод ва пешгирию бартарафсозии оқибатҳои омилҳои манфиро пешниҳод менамояд (Расми 5.).




**Расми 5. Омилҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ. Сарчашма: Таҳияи муаллиф:**

Муайян карда шудааст, ки омилҳои мавҷуда дар рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ таъсирҳои мусбӣ ва манфӣ доранд. Инчунин, мушоҳида гардидааст, ки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо манфиатҳои миллӣ ва ба сиёсати давлат дар самти бехатарӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ рабт дошта, ҳамзамон, барои бартараф намудани таъсири манфии омилҳои мавҷуда давлат ҳамчун субъекти асосӣ баромад менамояд. Қайд карда шудааст, ки омилҳои гурӯҳбандикардашуда, дар баъзе равишҳои илмии бозори энергетикӣ баҳои иқтисодии онҳо муайян карда шуда, ҳамзамон, ҳамчун маҳакҳои (индикаторҳои) асосӣ истифода мегарданд (Расми 6.).




**Расми 6. Алгоритми арзёбии сохтори бозори энергияи электрикӣ**
**Сарчашма: Таҳияи муаллиф:**

Исбот карда шудааст, ки дар бозори энергетикӣ равандҳои нархгузории энергияи электрикӣ ва энергияи гармиро аз якдигар ҷудо тасаввур намудан

номумкин аст. Сабаби асосии инро дар вобастагии зиёди якдигари онҳо шарҳ дода, маънидод карда шудааст, ки дар бозори энергетикӣ онҳо ҳамчун моли якранг новобаста аз шакли истеҳсолот иштирок менамоянд. Аз як тараф, объектҳои инфрасохтории бахши энергияи электрикӣ ва энергияи гармӣ ҳангоми дар шароитҳои гуногун қарор доштан барои истеъмолкунанда якхелаанд, ҳамзамон, онҳоро ҳамчун якдигарро пурракунанда ҳам тавсиф додан мумкин аст ва афзоиши нархи кору хизматрасонии яке аз онҳо ба афзоиши нархи дигари онҳо таъсир мерасонад.

Аз тарафи дигар бошад, истеҳсоли энергетикии омехтакардашуда ба алоқамандии якдигари онҳо оварда расонида, якҷоя амал намудани онҳоро тавсиф дода, ҳамзамон, афзоиши нархи кори яке аз онҳо ба коҳишёбии сатҳи тақозои хизматҳои дигар таъсир мерасонад. Вобаста ба вазъи рушди бозори энергетикӣ ва иқтидорҳои захиравию имкониятҳои иқтисодӣ, инчунин хусусиятҳои бозорӣ, алгоритми арзёбии таъсиррасонии унсурҳои асосӣ-ҳаҷми кору хизматҳои бахши истеҳсол (кору хизматҳои интиқолдиҳӣ ва таъмини дастрасии энергия), ҳаҷми кору хизматҳои бахши истеъмол, инчунин кору хизматҳои фурӯши (нархгузории) энергияи электрикӣ дар сохтори бозори энергетикӣ дар дурнамои наздик таҳия карда шудааст.

Барои муайян намудани зариби (коэффитсенти) суръати миёнаи афзоиши кору хизматҳои инфрасохторӣ дар солҳои муайян, бахусус оид ба истеҳсол, истеъмол ва нархи онҳо дар бозори энергетикӣ ҳисоби риёзию омориро аз рӯйи формулаи суръати афзоиши кору хизматҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла барои истеҳсоли энергияи электрикӣ вобаста ба солҳои таҳқиқӣ муайян карда шудааст (Ҷадвали 2).

Аз рӯйи натиҷаи ҳисобҳои риёзӣ-оморӣ исбот карда шудааст, ки дар ҳамаи солҳои таҳлилӣ суръати афзоиши нархи кору хизматрасониҳои объектҳои инфрасохтории энергияи электрикӣ нисбат ба суръати истеҳсол ва истеъмол нисбатан баландтар мебошад. Барои натиҷаҳои таҳлилии муайянсозии зариби (коэффисенти) суръати миёнаи афзоиши ҳаҷми истеҳсол,

истеъмол ва фурӯш дар бозори энергияи электрикӣ формулаи алоҳида истифода гардида, натиҷагирӣ карда шуд.

**Ҷадвали 2. - Зариби (коэффисенти) суръати миёнаи афзоиши ҳаҷми истеҳсол, истеъмол ва нархи кору хизматҳои инфрасохтории энергияи электрикӣ**

| Солҳо | Истеҳсол | Истеъмол | Нарх |
|---|---|---|---|
| 2015 | 1,00 | 1,00 | 1,00 |
| 2016 | 1,006 | 1,006 | 1,069 |
| 2017 | 1,052 | 0,849 | 1,157 |
| 2018 | 1,088 | 1,148 | 1,153 |
| 2019 | 1,025 | 1,148 | 1,171 |
| 2020 | 1,18 | 1,13 | 1,67 |
| 2021 | 1,09 | 1,06 | 1,29 |
| 2022 | 1,04 | 1,03 | 1,14 |
| Афзоиши умумӣ | 105,78% | 104,19% | 119,29% |
| Ҳамагӣ | 5,78% | 4,19% | 19,29% |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф. натиҷаҳои таҳлилии муаллиф аз рӯйи формулаҳои математикии барномаи Microsoft Excel.**

Вобаста ба натиҷаҳои модели иқтисодӣ-риёзӣ ва истифодаи усули таҳлили нишондиҳандаҳои воқеӣ – оморӣ, вазъи рушди бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи ба мувозинатдарории унсурҳои бозорӣ арзёбӣ карда шудааст. Ба афзоиши суръати миёнаи ҳаҷми кору хизматҳои инфрасохтории истеҳсолӣ ва суръати миёнаи ҳаҷми кору хизматҳои инфрасохтории истеъмолӣ диққат дода, маълум карда шудааст, ки тафриқаи афзуншавии ҳаҷми кору хизматҳои инфрасохтории истеҳсолӣ, аз 1 маротиба зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 3. - Ояндабинии рушди бозори энергетикии Тоҷикистон дар солҳои 2024-2030**

| Солҳо, t | Ҳаҷми истеҳсол млрд. кВт*с | ҳаҷми истеъмол кВт*с | Сатҳи нарх кВт*с. /(дирам) |
|---|---|---|---|
| 2024 | 22,7 | 14,8 | 39,8 |
| 2025 | 23,3 | 14,9 | 41,6 |
| 2026 | 23,9 | 15,5 | 43,3 |
| 2027 | 24,6 | 15,6 | 45,1 |
| 2028 | 25,2 | 15,7 | 46,8 |
| 2029 | 25,8 | 15,8 | 48,6 |
| 2030 | 26,4 | 15,9 | 50,3 |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф. натиҷаҳои таҳлилии муаллиф аз рӯйи формулаҳои математикии барномаи Microsoft Excel.**

Асоснок карда шудааст, ки тамоюли афзоиши ҳаҷми истеъмоли нерӯи барқ дар дурнамои нишон додашуда, вобаста ба хусусиятҳои бозори молия, сатҳи беқурбшавии асъори миллӣ, ашёи хоми саноатӣ, таҷдиди технологии

объектҳои инфрасохторӣ аз тамоюлҳои мусбии афзоиши ин нишондиҳанда дар солҳои таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои номбаргардида, бахусус ҳангоме, ки ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат мувозинати иқтисодии рушди инфрасохтори бозори энергетикаро мушкил мегардонад, дар баробари барномаҳои миёнамуҳлати мамлакат ва барномаҳои алоҳидаи рушди соҳаи энергетика таҳия ва татбиқи мунтазами барномаи миёнамуҳлати фаъолгардонии рушди бозори энергетикӣ пешниҳод карда шудааст. Қолибияти барномаи пешниҳодшавандаи фаъолгардонии рушди бозори энергетикии мамлакатро дар гузариш ба нақшагирии пешниҳоди кору хизматҳои инфрасохтории бозори энергетикӣ аз рӯйи принсипи «аз талабот ба таклифот» шарҳ дода шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «**Самтҳои афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон**» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст, ки дар он масъалаҳои ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ва рушди бозори энергетикии Тоҷикистон, инчунин раванди ташаккули энергияи барқароршаванда ҳамчун самтҳои калидӣ ва афзалиятнок таҳқиқ гардида, дар ҳошияи онҳо методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Муайян карда шудааст, ки ҳангоми афзоиш ёфтани иқтидорҳои энергетикӣ, ба истифода додани объектҳои инфрасохторӣ, ҳамзамон васеъ гардидани миқёси бозори энергетикӣ, масъалаҳои роҳандозии истеҳсоли дастгоҳу таҷҳизоти саноатию маишие, ки суръати самаранокии кори объектҳои инфрасохторӣ, сифати кору хизматҳои инфрасохтории энергетикиро таъмин менамояд ва арзиши аслии (нархи) онҳоро коҳиш медиҳад тақозои асосии бозор мегардад. Барои ҳамин, ҷиҳати ташаккули механизми ШДБХ ҳамчун самти муҳими рушди бозори энергетикии Тоҷикистон, тақвиятбахшии шакли «корпоративии ШДБХ» пешниҳод карда шудааст.

Асоснок карда шудааст, ки шакли корпоративии ШДБХ имкон медиҳад, ки сармояи хусусӣ тибқи мусоидтарин шароитҳои даромадгирӣ дар иқтисодиёт ҳаракат намуда, ба рушди бозори энергетикии мамлакат таъсири мусбӣ расонида, инчунин дар ғанигардонии буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ саҳми бузург мегузорад.




**Расми 7. Ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бозори энергетикӣ. Сарчашма: Таҳияи муаллиф: Натиҷаҳои таҳқиқ ва мушоҳидаҳои муаллиф.**

Барои ҳамин, ба шароитҳои номбаргардида диққати бештар дода, ташкилу татбиқи лоиҳаҳои хурди инфрасохтори энергетикӣ дар асоси энергияи барқароршавандаи ғайрианъанавӣ-энергияи офтобӣ ҳамчун самти муҳими ташаккули бозори энергетикии мамлакат асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, барои муайянсозии натиҷаҳои иқтидори техникӣ ва самаранокии иқтисодии энергияи электрикии офтобӣ, арзёбии иқтисодӣ – ташхисӣ муҳим аст, ки ин ҳамчун методи алоҳида барои исботи воқеӣ дар таҷрибаи муосир мавриди истифода қарор дода шуда истодааст.

Барои муайян намудани ҳаҷми хароҷоти сармоя барои истеҳсоли энергияи электрикии офтобӣ, ҷиҳати муқоисаи иқтисодии нархи энергия, методи ҳисоби сметавии риёзии ҷамъи нархи шартии (бозории) воситаву таҷҳизоти заруриро барои истеҳсоли 5 кВт*с энергияи электрикӣ бо се вариантҳои маъмул ҳисоб карда шуда, ҳаҷми хароҷоти пулии истеҳсоли 5 кВт*с энергияи электрикии офтобӣ дар варианти 2-юм ба 54700 сом. баробар гардид.

Асоснок карда шудааст, ки татбиқи методи мазкур метавонад ҳамчун самти муҳими ташаккули бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда шуда, ҳамзамон, эҳтиёҷоти истеъмолии аҳолии дурдаст пурра қонеъ гардонида шуда, на танҳо сатҳу сифати зиндагии онҳо баланд мегардад, балки ба рушди фаъолияти хоҷагидории онҳо заминаи муҳим гузошта, ҳамчун энергияи алтернативӣ дар бозори ягонаи энергетикии мамлакат бо дигар шаклҳои муқаррарии истеҳсоли энергияи электрикӣ-энергияи электрикии обӣ рақобат намояд. Инчунин, пешниҳод кард шудааст, ки энергетикаи офтобӣ метавонад ҷузъи таркибӣ-инфрасохтои муҳими бозори энергетикии Тоҷикистон гардида, дар қатори ташкили ҷойҳои корӣ, васеъ намудани шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, инчунин бо энергетикаи электрикии муқаррарӣ (НБО ва МБГ) дар бозор рақобат намуда, дар низоми ягонаи энергетикии мамлакат ҳамчунин инфрасохтори варианти алтернативӣ гардад.

Вобаста ба мақсади рисолаи диссертатсионӣ, бахусус пайдо, татбиқ ва асоснок намудани навгонии илмӣ, ҷиҳати таҳияи «методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон» ва пайдо намудани вариантҳои алтернативии ташкили объектҳои нав барои рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон дар шароити афзоиши талаботи истеъмолӣ, ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон ва ба ҳамин васила мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафи олии рушди кишвар-таъмини истиқолияти энергетикӣ, таҷрибаи озмоишӣ гузаронида шуд.

Методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон ба таври озмоишӣ, дар суроғаи Вилояти Суғд, водии Яғноб, н. Айнӣ, ҷ\д. Анзоб деҳаи Хишортоб, ки аҳолии деҳа зиёда аз 80 нафарро ташкил медиҳад ва масофаи байни деҳа то наздиктарин хатти нерӯгоҳи барқӣ обӣ зиёда аз 13 км. мебошаду кору хизматҳои инфрасохтории шабакавии интиқоли барқ аз низоми барқии марказӣ  мураккаб аст ва таъмини энергияи электрикии аҳолӣ аз НБОХ худсози аз оби чашмасори кӯҳӣ таъмин шуда, ба таври мавсимӣ истифода менамоянд, гузаронида шуд.

Мақсади асосии таҳияи ва истифодаи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон тавассути ҳисобҳои риёзиву иқтисодӣ ва техникӣ ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтории шабакаи ғайримарказонидашудаи энергияи электрикии объектҳои энергиятаъминкунандаи шабакавӣ-пайвастшавӣ ба объектҳои шабакавии кору хизматҳои инфрасохтории интиқоли энергияи электрикӣ, истеҳсолу пешниҳоди кору хизматрасониҳои таъмини энергияи электрикӣ тавассути насби нерӯгоҳи хурди офтобӣ ва дастгоҳу таҷҳизоти дизелӣ (генератори сӯзишворӣ) мебошад. Асоснок карда шудааст, ки методи мазкур дар ҳошияи такмили занҷираи истеҳсол, истеъмол, фурӯш (нарх) ва замингузорӣ ба принсипи гузариши низоми энергияи электрикии мамлакат «аз талабот ба таклифот» роҳандозӣ гардидааст.

Барои тавсеаи дурусти методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус асоснок намудани афзалияти бештари нерӯгоҳи хурди барқии офтобӣ нисбат ба дигар вариантҳои мавҷуда дар суроғаи озмоишшаванда, дар шакли алоҳида таҳқиқу таҳлили ҳисобҳои иқтисодӣ-риёзӣ гузаронида шуд. Барои исботи воқеӣ ва пайдо намудани натиҷаҳои дақиқи иқтисодӣ се варианти – пайвастшавӣ аз объектҳои инфрасохтори хатҳои интиқоли барқӣ ҳавоӣ (ХИБ),

аз ҳисоби сохтмони нерӯгоҳи хурди барқи офтобӣ (НБОф) ва аз ҳисоби сохтмони нерӯгоҳи дизелӣ (НБД) муқоиса карда шуд.

Бо мақсади татбиқи ақидаи пешниҳодгардида муҳим аст, ки вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ, ҳисоби шумораи истеъмолкунандагон, дастрасии рӯшноии офтоб, ҷойгиршавӣ аз сатҳи баҳр ва интихоби воситаҳои муфиди истеҳсолкунанда ва пешниҳодкунандаи энергияи электрикӣ аҳаммияти калон дорад (расми 8.).




**Расми 8. Вариантҳои муфиди пешниҳоди кору хизматҳои инфрасохтори энергетикӣ аз ҳисоби энергияи офтобӣ.**

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот**

**Қисми таркибии ҳамаи варианти муфиди – нишондодашуда аз инҳо иборат мебошанд:**

 **– панели офтобӣ (1х120мм), модули фотоэлектрикӣ;**

к **– контроллер, танзимкунандаи ҷараёни қуввагирии аккумуляторҳо;**

и **– инвертор, ҷараёни доимии энергияи истеҳсолшударо ба ҷараёни тағйирёбанда таъмин мекунад;**

АКБ **– аккумулятори батареяи (12А) захиракунандаи ҷараёни доимӣ;**

Имрӯзҳо дар бозори энергетикӣ намудҳои зиёди воситаҳои истеҳсол ва пешниҳодкунандаи энергияи барқии офтобӣ истеҳсол ва сохта шуда истодааст, ки дар байни онҳо се намуди асосӣ вариантҳои муфид мебошанд. Чӣ тавре, ки аз расми 3.2. маълум мегардад барои ташкил ва таъсис додани воситаи истеҳсол ва пешниҳоди кору хизматҳои инфрасохтории энергетикии офтобӣ таҷҳизоти зиёд надорад, инчунин тасвири насби онҳо чандон мушкил нест.

